ЛАТОФАТ

# БАДНАФСАК





*Шеърхонию шеърдонӣ саводи кӯдаконро қавӣ намуда, дар дил завқи зебоӣ мепарварад. Хазинаи луғавиашонро ғанӣ мегардонад. Фарзанди Шумо ҳар қадар зиёд шеър азбар кунад, ҳамон қадар нутқаш равон, расо ва бурро мешавад.*

*Латофат*



ММ Т03 2
К33

ЛАТОФАТ

# БАДНАФСАК



КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1/11/2014. | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

КДБҶ ба номи
М. МИРШАКАР



## ШОНАСАРАК

Ба мурғакони беша
Ёд диҳад ҳамеша,
Шонасарак: – Тук! Тук!
– Се! – Ду! – Як! – Тук! Тук!
– Тук! Тук!– Дарси ҳисоб
– Тук! Тук! – Оҳ, чӣ азоб!

## КИРМИ ЛОЙХӮРАК

Кирми лойхӯрак
Ҷӯраи мӯрак.
Чу ёри дилсӯз
Доим шабу рӯз,
Лои раҳи ӯ
Мебарад фурӯ.



КДБҶ ба номи
М. МИРШАКАР
2422 8/ф г/з



# ҚОҚУИ МӮЙСАФЕД

Қоқуяки сарсафед,
Қоқуяки парсафед.
Басо пар афшонӣ ту,
Барфи парешонӣ ту.
Душманакат боди шум,
Кард ҳисоби ту гум…
Як…даҳу сесад… ҳазор,
Оҳ, шудаӣ бешумор!...

# ХОРПУШТАК

Хорпуштакҷон, хорат тез,
Аз ту ҳама даргурез.
Пуштакат хор намебаст,
Мебардоштам рӯйи даст.





## ЖОЛА

Дона-дона марворид,
Дар кӯчаи мо борид.
Шуд кӯча симкорӣ,
Аз жолаи баҳорӣ.



## САЗО

Ҳамсоябачча Ғанӣ –
Кори ӯ занозанӣ.
Бегаҳ ояд ба хона,
Ғурӣ бинӣ пешонӣ.

## ҲАЙРАТ

Гул мекашад хамёза,
Кушода сад дарвоза.
Дарвоза ин ё даҳон?
Ҳайрон ҳама мӯрчагон!



# КУРТАХОЛАК

Нишин ба рӯи дасти ман,
Эй куртахолак.
Ба дасти гулпарасти ман,
Эй куртахолак.

Ба болаки ту мениҳам
Зи холаки хеш.
Ба холаки ту медиҳам,
Зи холаки хеш.

Машин ба рӯи гул дигар,
Эй куртахолак.
Мачин зи гарди гул саҳар,
Эй куртахолак.

Ба дашту ҷӯ бирав, бирав,
Эй куртахолак.
Ба тори кӯҳ бирав, бирав
Эй куртахолак.

Очаяки ту беқарор,
Эй куртахолак.
Бачаяки ту интизор,
Эй куртахолак.



## ТАНҲОӢ

Ду баррача дар бозӣ,
Ду бузича хӯрад об.
Дар офтоби гармак
Ду гурбача масти хоб.
Ду чӯҷа гирди оча
Пар-парзанон парвона.
Ду парасту месозад
Дар шифти айвон лона.
Танҳо худи худакам
Зиқ шудам аз танҳоӣ.
Мо ҳам то ду кас шавем,
Дугоначон, меоӣ?





## БӮЙИ НОН

Ояд аз танӯр
Аҷаб бӯйи зӯр.
Бӯйи нони гарм –
Оташаки шарм.
Нони танӯрӣ
Сурхи бануриӣ!

# АФСОНАИ ҚАДИМ

Як замон чиҳо будаст?
Баҳмути ало будаст.
Шер аз оҳу гурезон,
Дар беша бачо будаст.
Қурбоққа – ҷомасурхак,
Қасидасаро будаст.
Меҳмони мушу гурба
Мори даҳанво будаст.
Моҳӣ маликаи дашт,
Мӯрча аждаҳо будаст.



Гамбӯсаки бечора
Ошиқи чилпо будаст.
Оруяки арғувон
Шоҳи пашшаҳо будаст.
Ду гӯшакаш соябон
Фили бачапо будаст.
Барги ҳама дарахтон
Ҳамранги ҳаво будаст…
Не-не, ҳама афсона,
Афсона хато будаст.

## ЧИЛПО

Чилпо, ки чил по дорад,
Якто муаммо дорад.
Чил кафшаки зебояш,
Кӣ пӯшонад ба пояш?



## ДАСТОВЕЗ

Занбӯри ҷомабӯрак
Дар зодрӯзи мӯрак.
Як хумча асал овард,
Дар зери бағал овард.
Хушҳол аҷаб мӯрак шуд,
Дигар асалхӯрак шуд.





## ТАРСУ

Аз таги кӯрпаи барф
Чашма равон шуд.
Дид чу офтобак
Даррав ниҳон шуд.

## АЛИФБОХОН

Куррачаи ман доно,
Хуб мехонад «Алифбо».
Саҳар хонад шодона:
– И-аъ! И-аъ! И-аъ! А!!



КДБЧ ба номи
МИРШАКАР
2422

# ОРЗУ

Себи ақиқ хорпушт,
Ба зери каш мебарад.
Гирам себаки ӯро,
Кай хобакаш мебарад?



КДБЧ



## ДУХТАРИ ҲАЛҚАТИЛО

Ҳалқатило духтарак,
Гиря чаро духтарак?

Ҳалқатило духтарак,
Ҳалқа намо духтарак!

Ҳалқаи ту хушҷило,
Ҳалқаи ту хушнамо.

Ба ҳалқаи тилоӣ,
Ту офтоби моӣ.



## БАДНАФСАК

Бидид пашша
Фили таҳамтан.
Гуфто ба ҳасрат:
«Ин ғафсгардан,
Э кош, ғунчад
Дар шиками ман!».

# МОДАРАМ

Алласарои ман кист? – Модарам!
Азиз барои ман кист? – Модарам!
Чашмаяки беқарор медавам,
Шӯру навои ман кист? – Модарам!
Ҳар саҳарӣ чу хуршед гармрӯ,
Меҳрфизои ман кист? – Модарам!
Чу шабнами баҳорон тозарӯ,
Атри ҳавои ман кист? – Модарам!
Талх, вале шакарбор ҳарфи ӯ,
Ақли расои ман кист? – Модарам!
Дард кунад сари ман, дардкаш,
Асли давои ман кист? – Модарам!
Қаҳру гуноҳи фарзанд бубахшад
Худ бехатои ман кист? – Модарам!
Металабад шабу рӯз бахти ман,
Дасти дуои ман кист? – Модарам!



## ХОНАШИН

Тор танад тортанак,
Бе рӯзи истироҳат.
Гӯшанишини хона,
Сайёҳи бесаёҳат.





## ЧАКРА

– Чак! – Чак! – Чак! –Чак!
Чакра чӣ форам!
Мужда диҳад барои
Одаму олам.

Мечакад аз яхи бом
Ашки зимистон.
Гиряи ӯ оварад
Бӯйи баҳорон!

## КАБӮТАРАК

Кабӯтарак, кабӯтарак!
Ба ҳам бизан болу парак.
Зи васфи кӯҳу осмон
Ба ман суруди тоза хон!



# БЕПАРВО

Дар гӯши фил нишаста,
Чил мӯри миёнбаста.
Чил мӯраки найнавоз,
Як шабу рӯзи дароз
Ҳай, найнавозӣ карданд,
Шӯхию бозӣ карданд.
Аҷаб маҒалу ғавғо,
Филро на ғам, на парво.
Хобида монанди кӯ,
Наҷунбад як тори мӯ.



## ТАЛОШ

Гурбаи айёр
Дар бари кампир.
Давлати кампир,
Хурмаи пуршир.



ЛАТОФАТ
**БАДНАФСАК**
*(барои кӯдакони синни хурди мактабӣ)*

ш. Душанбе ТЧБ «Истиқбол», 2014
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Тел: (+99237) 238-53-01; (918) 82-94-75
**E-mail: istiqbol.tj@list.ru**
**Website: www.istiqbol.org**

**Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода**
**Мусаввир: Абдусалом Абдуллоев**
**Ороишгар: Комрон Раҳмонзод**
**Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова**

Ба чопаш 25/04/2014 имзо шуд. Андозаи А4.
Коғаз бристоли амрикой. Ҷузъи чопию
ҳисобӣ 1,5. Теъдод 5000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

***Дар интишороти «Imak-ofset» ба чоп расид.***



ISBN 978-99947-61-16-3